Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат - Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон бахшида шуда, аз таҳлили автореферати диссертатсияи унвонҷӯ муайян гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, бо мақолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузорӣ, вобаста дар рафтори ҳуқуқии инсон метавонанд саҳми

назаррасеро гузоранд. Масъалаи баррасишаванда дар заминаи асосҳои бунёдии ҳуқуқӣ, ки дар он меъёрҳои Конститутсияи амалкунандаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, матраҳ шудааст. Илова бар ин, муҳимтарин вазифаҳое, ки дар назди Тоҷикистони азизи мо истодаанд, роҳҳои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, ки дар қонунгузорӣ ва Конститутсияи давлат муқаррар шудаанд. Тибқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳаёт, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои фитрӣ, яъне ҳуқуқи инсон арзиши олӣ доранд ва умуман дахлнопазиранд. Ҳамзамон, таҳқиқоти илмии муаллиф метавонад дар баланд бардоштани ҳуқуқи инсон, савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, баҳри пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва такмили рафтори ҳуқуқӣ нақши муассир гузорад.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи рисоланавис саривақтӣ ва мубрам буда, аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани моҳият ва мазмуни назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, масъалаҳои таъмини ҳуқуқи инсон, ҷомеа ва давлат яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор мераванд. Ҳар як давлат ҳимояи соҳибихтиёрии худ, рушди устувори ҷомеа, зиндагии шоистаи тамоми иштирокчиёни онро ҳадафи асосӣ мегузорад, ки дар байни ин муносибатҳо ҳуқуқи инсон низ нақши калидӣ дорад.

Таҳқиқоти мазкур, рисолаи мукаммал оид ба масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, нуктаҳои асосии диссертатсия навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд. Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ низ дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Таҳқиқоти мазкур дар сатҳи маҷмӯи корҳои илмӣ иҷро карда шудааст. Ҳамзамон муаллиф ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба мафҳумҳо ва

таснифоти маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон аз нигоҳи назарияи таърихи ҳуқуқ ва давлат баҳо дода ва таърифҳои муаллифӣ пешниҳод намояд. Хулоса ва пешниҳодҳо инчунин дар рафти такмили минбаъдаи механизми ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии кӯшишу ғайрат ва фаъолияти субъектҳои таъсиррасонӣ ҳокимиятҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ истифода шаванд. Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати таҳқиқоти диссертатсияи Ш.Ҷ. Мирзозода мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта, аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи нуқтаи назари мантиқӣ дуруст таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд, ки он маънои диссертатсияро коста нагардонида, баръакс аз ҷиҳати илмӣ эътиборнок мегардонанд. Мувофиқи мақсад мебуд, ки дар кори илмӣ асарҳои олимони ватании бевосита фарогири таҳқиқоти мазкур бештар истифода мешуданд ва атрофи масоили мазкур мавқеи худро рисоланавис дар раванди ҳимоя муайян менамуд. Дар баробари таҳлили масъалаҳои гуногуни назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон низ, мо бар он назар ҳастем, ки агар дар зербоби ин таҳқиқот, аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, дар заминаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ пажуҳиш мегардид, сифати таҳқиқоти диссертатсиониро боз ҳам баландтар мебардошт. Ҳамзамон рисола, ки бо забони давлатӣ навишта шудааст, Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №268 низ риоя мешуд, боз ҳам хубтар буд.

Ин ҳолатҳо ба мазмуни мусбии таҳқиқоти диссертатсионии Ш.Ҷ. Мирзозода таъсир нарасонида, баръакс аз мубрам будани масъалаи таҳқиқшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума

дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, арзанда мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, педагогика ва психология Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саркорова Ш.С.

Имзои “Саркорова Шакина Сабзаевна”-ро тасдиқ менамоям сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бурҳонов М.

“05” октябри соли 2024

Суроға: Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (734000, ш. Душанбе, кучаи Турдӣ 42). телефон: (992) 93 553 60 94, E-mail: shakina_sarkorova@mail.ru